**№11614/13.2 аз 31.07.2019**

**Ба мақомоти ҳудудии андоз**

Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон
“Дар бораи ворид намудани тағйир ба
Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон”
аз 19 июли соли 2019, №1644

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади татбиқи дурусти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон”, №1644 аз 19.07.2019, чунин дастур медиҳад.

Дар асоси моддаи 1 Қонуни мазкур ба қисми 2 моддаи 181 Кодекси андоз тағйирот ворид карда шуд, ки тибқи он аз 1 январи соли 2019 то 31 декабри соли 2023 амалиёти андозбандишавандаи андоз аз арзиши иловашуда барои иҷрои корҳои сохтмонӣ ва хизматрасонии хӯроки умумӣ бо меъёри 7 фоиз ва барои хизматрасонии таълимӣ бо меъёри 5 фоиз, ба истиснои воридоти андозбандишаванда ва таҳвили минбаъдаи моли воридшуда, инчунин содироти андозбандишаванда, бе иҷозати баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашудаи пардохтшуда андозбандӣ карда мешаванд.

Мутобиқи талаботи моддаи 2 ҳамин Қонун меъёрҳои мазкури андоз аз арзиши иловашуда барои иҷрои корҳои сохтмонӣ ва хизматрасонии хӯроки умумӣ аз лаҳзаи интишори расмӣ (рӯзномаи “Ҷумҳурият” №141(23744) аз 24.07.2019), яъне аз санаи 24 июли соли 2019 ва барои хизматрасонии таълимӣ аз 1 январи соли 2019 муқаррар гардидааст.

Дар асоси муқаррароти мазкур тибқи талаботи моддаҳои 164 – 166 Кодекси андоз корхонаҳои сохтмонӣ ва корхонаҳои хӯроки умумӣ бақияи молҳо (корҳо, хизматрасониҳо), ки бо пардохти андоз аз арзиши иловашуда харидорӣ шуда буданд ва қаблан андоз аз арзиши иловашударо дар асоси ҳисобнома – фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ба ҳисоб гирифта буданд, ислоҳ намоянд.

Ҳамзамон, муассисаҳои таълимӣ уҳдадоранд, бо ҷамъбастӣ моҳи июли соли 2019 эъломияи иловагӣ пешниҳод намуда, маблағҳои аз 1 январи соли 2019 то 31 июли соли 2019 ба ҳисоб (зачет) гирифтаи худро бе эътибор намуда, маблағҳои андоз аз арзиши иловашудаи бо меъёри 18 фоиза ҳисобнамудаи худро бо назардошти аз 1 январи соли ҷорӣ барои хизматрасонии таълимӣ муқаррар гардидани меъёри 5 фоизаи андоз аз арзиши иловашуда, тасҳеҳ намоянд.

Минбаъд андозсупорандагони мазкур ҳангоми анҷом додани амалиёти андозбандишаванда андоз аз арзиши иловашударо мутобиқ ба муқаррароти қисми 2 моддаи 181 Кодекси андоз дар эъломияи андоз аз арзиши иловашуда бо меъёри 5 ва ё 7 фоиз ҳисоб намуда, ҳисоботи андозро ба нозироти андоз пешниҳод намоянд.

Дар ҳолати анҷом додани воридоти андозбандишавандаи молҳо ва минбаъд таҳвил намудани чунин молҳо, таҳвили минбаъдаи молҳои воридшударо бо меъёри 18 фоиз андозбандӣ карда, ҳуқуқ доранд тибқи моддаи 183 Кодекси андоз андоз аз арзиши иловашудаи ҳангоми воридот пардохт намудаашонро ба ҳисоб гиранд. Ҳангоми ба дигар мол табдил додани молҳои дар натиҷаи воридоти андозбандишаванда ва амалиёти андозбандишаванда харидоришуда, ҳиссаи таҳвили минбаъдаи чунин моли дигар мутаносибан ба вазни қиёсии молҳои воридшуда дар ҳаҷми умумии харид бо меъёри стандартӣ андозбандӣ гардида, ҳиссаи боқимондаи таҳвили чунин молҳои дигар бо меъёри пасткардашуда андозбандӣ карда мешавад. Андозсупорандагони мазкур уҳдадоранд, ки тибқи талаботи моддаи 49 Кодекси андоз баҳисобгирии ҷудогонаи объектҳои андозбандиро (муомилоти андозбандишаванда ва воридоти андозбандишавандаро) аз рӯи ин намуди фаъолият амалӣ намоянд.

Ҳамзамон, раёсатҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, ташкили андозбандӣ, такмили қонунгузории андоз ва санадҳои меъёрии андоз, баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳо ва дигар раёсатҳои Кумитаи андоз вазифадор карда мешаванд, ки дар якҷоягӣ бо НАК, НАМ, раёсатҳои вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, ВМКБ ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ семинар-машваратҳо ташкил намуда, аз муқаррароти Қонуни мазкур кормандони мақомоти ҳудудии андоз ва андозсупорандагонро огоҳ намоянд.

Муовини аввали Раис А.Солеҳзода